**ХУЛОСАИ**

**комиссияи ташхисии шурои диссертатсионии 6D.KOA-048 дар назди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав оид ба диссертатсияи номзадии Раҳимзода Муҳаммадnaби Маҳмадшоҳ дар мавзуи «Методикаи ташаккули муносибати тамоюли касбии муаллимони ояндаи биология дар раванди таълими физика» ҳимояи такрорӣ, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – назария ва методикаи омӯзишу парвариш (физика) (илмҳои педагогӣ), пешниҳод гардидааст.**

Дар асоси қарори раиси шурои диссертатсионии 6D.KOA-048 Сатторов А.Э. аз 11.06.2022, №1 комиссияи ташхисӣ дар ҳайати 3 нафар тасдиқ шудааст: узви шӯро, доктори илмҳои физикаю математика, профессор, **Комилӣ А.Ш.** (ихтисоси 07.00.10. – Таърихи илм ва техника (илмҳои физикаю математика (физика)) – раиси комиссия; доктори илмҳои педагогӣ, профессор, **Мирзоев А.Р.** (ихтисоси 13.00.01. - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (информатика)) – узви комиссия; номзади илмҳои педагогӣ, **Боев С.Г.** (ихтисоси 13.00.02. - Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (физика) – узви комиссия.

Комиссияи экспертӣ таҳқиқоти диссертатсионии Раҳимзода Муҳаммадnaби Маҳмадшоҳро омӯхта ва мавриди баррасӣ қарор дода ҳисоб мекунад, ки он кори баитмомрасидаи илмӣ-тахассусӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона ва дар сатҳи баланди илмӣ анҷом дода шудааст. Таҳқиқот ба ҳадафҳои стратегии мамлакат роҷеъ ба мувофиқгардонии натиҷаҳои илмҳои бунёдӣ, дақиқ, техникӣ ва эксперименталӣ ба воқеияти объективӣ бисёр созгор буда, мушаххасан ба роҳандозии таълими информатика дар шароити муосири омодасозии мутахассисони босалоҳияту касбии муаллимони ояндаи биология дар раванди таълими физика дар мисоли ДДБ ба номи Носири Хусрав мувофиқ мебошад.

Мавзуи диссертатсионии Раҳимзода М.М. аҳамияти муҳимми илмӣ дошта, бо он асоснок мегардад, ки ҷустуҷӯйи роҳҳои такомули раванди таълими фанни физика барои донишҷӯёни ихтисосҳои биологияро дар пайдо кардани роҳҳои оптималии ҳаллу фасли зиддиятҳои зикршуда ва истифодаи васеи онҳоро дар раванди таълим таъмин мекунад.

Ба ақидаҳои унвонҷӯ фаъолгардонии фаъолияти таълимӣ ва маърифатии донишҷӯён, аз он ҷумла муаллимони ояндаи биология, дар сурате имкон дорад, ки ҳамаи фанҳои ғайритахассусӣ, аз ҷумла фанни физика аз нуқтаи назари муносибати тамоюли касбӣ мавриди баррасӣ қарор бигирад ва ин чиз ба донишҷӯён дар дарки арзишнокии донишҳои ба даст овардаашон кумак карда, дар фаъолияти касбии минбаъдаи онҳо дониши калидӣ маҳсуб шавад.

Ҳадафи асосии таҳқиқот аз таҳия ва асоснок кардани методикаи тамоюли ба муаллимони ояндаи биология доир ба таълими физика, барои фаъолгардонии фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён, ки ба

истифодаи муносибати тамоюли касбӣ ба таълим асос ёфтааст, иборат мебошад. Барои татбиқи ҳадафи гузошташуда унвонҷӯ иҷрои вазифаҳои зеринро зарур донистааст: муайян кардани муносибатҳои назариявӣ-методологӣ дар раванди таълими физика ҷиҳати ташкили омодагии касбии муаллимони ояндаи биология, бо такя ба таҳлили адабиёт психологӣ, педагогӣ ва методие, ки ба масъалаҳои фаъолгардонии фаъолияти таълимӣ ва маърифатии донишҷӯён бахшида шудаанд; ҳангоми таълими физика ба муаллимони ояндаи биология ҷустуҷӯ кардани имконот барои амалӣ намудани муносибати тамоюли касбӣ зимни истифодаи алоқаҳои байнифаннӣ ва асосҳои психологӣ-педагогӣ; таҳияи методикаи истифодаи муносибати тамоюли касбӣ ҳангоми таълими физика, ки ба фаъолгардонии максималии фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ дар донишҷӯён ва самаранок аз худ шудани мазмуни курс равона шудааст, мусоидат мекунад; таҳияи нишондиҳандаҳо ва меъёрҳои самараноки методикаи пешниҳодгардида дар таълими физика; анҷом додани санҷиши озмоишии методикаи таҳияшуда барои таълими муаллимони биология доир ба фанни физика.

Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсионӣ ва хулосаҳои таҳқиқотро мувофиқати натиҷаҳои асосии он бо самтҳои рушди фанҳои дақиқ дар Тоҷикистон, таҳлили байнифаннӣ, мутобиқати хулосаҳои ҳосилшуда бо матлабҳои асосии дидактика ва методикаи таълими физика, репрезентативнокӣ ва аҳамияти омории маълумоти таҷрибавӣ, ки дар марҳалаҳои гуногуни озмоиши педагогӣ ба даст омаданд, таъмин менамояд.

Автореферат мазмуну муҳтавои дисертатсияро пурра инъикос менамояд.

**Натиҷаи умумии экспертизаи комиссияи экспертӣ**

Диссертатсияи Раҳимзода Муҳаммаднаби Маҳмадшоҳро дар мавзуи «Методикаи ташаккули муносибати тамоюли касбии муаллимони ояндаи биология дар раванди таълими физика» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – назария ва методикаи омӯзишу парвариш (физика) (илмҳои педагогӣ), ки мутобиқи ихтисос ва соҳаи илмии шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-048 омода гардидааст, пас аз гирифтани иҷозати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ташкили ҳимояи якдафъаина, ба ҳимоя қабул кардан мумкин аст.

**Қарори комиссияи экспертӣ**

Дар асоси банди 56 Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №267 аз 30.06.2021) комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.KOA-048 қарор менамояд:

1. Мавзуъ ва мазмуни диссертатсияи номзадии Раҳимзода Муҳаммаднаби Маҳмадшоҳро дар мавзуи «Методикаи ташаккули муносибати тамоюли касбии муаллимони ояндаи биология дар раванди таълими физика» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади

илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – назария ва методикаи омӯзишу парвариш (физика) (илмҳои педагогӣ) ва соҳаи илмии шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-048 назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» мувофиқ мебошад.

2. Дар диссертатсия нуқтаҳои илмие ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, ки дар соҳаи методикаи таълими физика навгонии илмӣ маҳсуб меёбанд. Натиҷаҳо, хулосаҳо ва тавсияҳои муаллиф паҳлуҳои назарӣ ва амалии илми педагогика ва методикаи омӯзишу парваришро такмил медиҳанд ва ба рушди методикаи таълими физика, ки дар ҷумҳурии мо мубрамияти он баръало эҳсос мегардад, муътамадона мусоидат менамоянд.
3. Тибқи ҳадафи таҳқиқоти диссертатсионӣ бори нахуст ба таври комил асосноккунии назариявию методӣ, коркарду тасвиби таъминоти ташкилӣ ва педагогии омодасозии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар мактаб, ки ба омодагии инсон барои фаъолият дар ҷомеаи иттилоотӣ нигаронида шудааст таҳия ва анҷом пазируфтааст.
4. Миқдор ва сифати мақолаҳои дар маҷаллаҳои тадризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон банашррасидаи довталаб ба талаботи «Низомномаи Муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ» ва меъёрҳои «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)» пурра ҷавобгӯ мебошанд. Натиҷаҳо ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро ифода менамоянд.
5. Дар диссертатсия ҳамаи адабиёти истифодашуда бо ишора ба муаллифон ва маъхазҳо тавассути иқтибосоварӣ ба расмият дароварда шуда, пурра риоя шудааст.

Ба Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз номи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» хоҳиш карда мешавад, ки барои қабул ва ташкили ҳимояи диссертатсияи номзадии Рахимзода Мухаммаднаби Махмадшох тибқи муқаррароти Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ дар заминаи Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-048, бо илова намудани миқдори зарурии муттахассисон аз рӯйи ихтисоси зерин – **Сатторов Абдурасул Эшбекович** – д.и.п., 13.00.02 - назария ва методикаи омӯзишу парвариш (математика), раиси шӯро; **Нугмонов Мансур** – д.и.п., 13.00.02 – назария ва методикаи омӯзишу парвариш (математика), муовини раиси шӯро; **Ойматова Ҳоҷармо Холмуродовна** – н.и.п., 13.00.02 – назария ва методикаи омӯзишу парвариш (физика), котиби илмии шӯро; **Комилӣ Абдулҳай Шарифзода** – д.и.ф.-м. профессор 07.00.10 - Таърихи илм ва техника (илмҳои физика), узви шӯро; **Шерматов Дусназар Саидович** – д.и.ф.-м. аз рӯйи ихтисоси 01.04.07 – физикаи ҳолатҳои конденсӣ (физика), узви шӯро; **Холназаров Санг** – д.и.п., профессор, 13.00.02 – назария ва методикаи омӯзишу парвариш (химия), узви шӯро; **Ҳамидов Маҷид** – д.и.т. 01.04.14 –

Физикаи харорат ва назарияи техникаи гармо, узви шӯро; **Файзализода Бахрулло Файзалӣ** – д.и.п., 13.00.02 – назария ва методикаи омӯзишу парвариш (информатика), узви шӯро; **Сафаров Ҷумабой** – д.и.ф.-м., дотсент, 01.01.01. – таҳлили ҳақиқӣ, комплексӣ ва функсионалӣ, узви шӯро барои гузаронидани ҳимояи якдафъаина иҷозат медодед.

Пешниҳод мегардад, ки дар мавриди гирифтани иҷозат оид ба ташкили ҳимояи якдафъаина, муассисаи пешбари диссертатсия **Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** таъин карда шавад.

Пешниҳод мегардад, ки пас аз гирифтани иҷозат оид ба ташкили ҳимояи якдафъаина муқарризони расмии диссертатсия **Ҳамидов Маҷид** – доктори илмҳои техникӣ, и.в. профессори кафедраи физикаи умумии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ ва **Парвинаи Усмон** – номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи методикаи таълими физика ва технологияи материалҳои, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рудакӣ таъйин карда шаванд.

Пешниҳод мегардад, ки пас аз гирифтани иҷозат оид ба ташкили ҳимояи якдафъаина, ба нашру панҳкунии автореферат ва инчунин барои дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав гузоштани эълон оид ба ҳимоя ва гузоштани матни диссертатсия ва автореферат иҷозат дода шавад.

Раиси комиссия:
Номзади илмҳои физикаю
математика, профессор — А.Ш. Комилӣ

Узви комиссия:
доктори илмҳои педагогӣ,
профессор — А.Р. Мирзоев

Узви комиссия:
номзади илмҳои педагогӣ — С.Г. Боев

Тасдиқ мекунам:
Сардори ШК: — Ҷ.А. Шукурзод

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС